Протоколи №8

**ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

**14.03.2024 соати: 10:00**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., Маҳмудов И.Т., д.и.ҳ. профессорон Искандаров З.Ҳ., Мирзамонзода Х.М., дотсентон Баҳриддинзода С.Э., Абдуллозода П.С., Раҳимзода М.С., Ҷалолов Х.Ғ., м/к Фозилов Н.Н., Негматов Б.С., Шоқулова С.И., ассистентон Авзалов А.Х., Исоев К.М., Раҷабов А.Н., Ғанизода У.Ғ., Собиров М.Ш., Зиёваддинов И.И., мудири кабинет Охунова Н.Ш.

**Иштирок надоштанд:** м/к Хоҷаева Н.Б. ва Сафиева М.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ». (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т.).

Раисикунандаи ҷаласа, н.и.ҳ., дотсент Баҳриддинзода С.Э. масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласаро матраҳ намуда, зикр намуд, ки имрӯз дар ҷаласа муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Аз унвонҷӯ Исоев Комёр Мадвалиевич хоҳиш карда шуд, ки оид ба мубрамият ва аҳаммияти рисолаи илмии худ гузориш пешниҳод намояд. Исоев Комёр Мадвалиевич оид ба мубрамияти мавзуи интихобнамуда,

вазифа ва мақсади таҳқиқот, сатҳи дараҷаи таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷанбаҳои диссертатсия маълумот доданд.

Дар раванди музокира ба ӯ аз ҷониби профессорон Искандаров З.Ҳ., Мирзамонзода Х.М. ва дотсент Баҳриддинзода С.Э. саволҳо пешниҳод шуданд. Унвонҷӯ ба саволҳои манзургардида посуххои қобили қабул доданд.

Оид ба рисолаи мазкур роҳбари илмӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов И.Т. низ баромад карда қайд намуданд, ки рисола дар асоси дастовардҳои муосири илмӣ, такя ба қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии кишварҳои хориҷ омода карда шудааст ва ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои илмӣ ҷавобгу мебошад.

Баъдан профессорон Искандаров З.Ҳ., Мирзамонзода Х.М. ва дотсент Абдуллозода П.С. оид ба диссертатсияи Исоев К.М. ҳамчун муқарризи дохилӣ баромад намуда таъкид намуданд, ки рисола дар сатҳи баланди илмию назариявӣ омода шуда, кор ба ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Вазифаҳои таҳқиқот ба даст омада нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок мебошанд. Ҳамзамон, баъзе пешниҳодҳои худро ҷиҳати такмили рисола ва таҷдиди назари руйхати адабиёти истифодашаванда манзур намуданд. Дар умум, пешниҳод намуданд, ки рисола барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» таҳқиқоти илмии соҳавии

анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

3. Унвонҷӯ Исоев Комёр Мадвалиевич вазифадор карда мешавад, ки дар муҳлатҳои муайяншуда маводҳои зарурии худро ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

**Раисикунандаи ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсент,** **Баҳриддинзода С.Э.**

**Котиби маҷлис,**
**лаборанти кафедра** **Охунова Н.Ш.**

**Имзои Баҳриддинзода С.Э. ва Охунова Н.Ш. - ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907702120